.Паёми

табрикии Раиси нохияи Шахристон Акрамзода Баходур Исмоил ба муносибати фарорасии Иди саиди Рамазон



Хамдиёрони азиз!

Мохи хайру эхсон, некиву накӯкорӣ , файзу баракат ва рахмату махфират ба охир расида, мо дар фазои тинчиву осудагӣ  Иди саиди Рамазонро тачлил менамоем.

Боиси шукргузорист, ки дар Точикистони сохибистиклол Иди саиди Рамазон иди умумихалкӣ  эълон гардида, имрӯз сокинони чумхуриамон дар катори мусулмонони чахон ин идро ботантана чашн мегиранд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар мамлакатамон барои намозгузорон тамоми шароит мухайё буда, шахрвандон бо чонибдорӣ  аз сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ  – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар заминаи эхтиром ба арзишхои умумибашарӣ  ва милливу мазхабии худ ба масчид барои тоату ибодат ва гирифтани гизои маънавӣ  омада, зухуроти терроризм ва экстремизм, катлу горатро махкум менамоянд.

Амалӣ  намудани фазилатхои хуби мохи шарифи Рамазон, аз чумлаи эхсону саховатмандӣ , дастгирии ятимону маъюбон, пиронсолону мухточ  он ва оилахои камбизоат хамчун кори нихоят хайр ва амали нек ба хукми анъана даромадааст.

Боиси каноатмандист, ки хар сол сохибкорон, шахсони саховатпеша ва хамаи онхое, ки зиндагии осуда доранд, дар рӯзхои ид ва дар дигар рӯзхо амалхои хайру эхсонро амалӣ намуда истодаанд.

Басо рамзист, ки тачлили имсолаи Иди шарифи Рамазон ба рӯзхое рост омада истодааст, ки мардуми шарафманди чумхуриамон дар арафаи тачлили 30-солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон карор дошта, дар баробари сокинони дигар минтакахои Точикистон сокинони нохия низ азм доранд, ки чашни бузурги миллиро бо дастовардхои арзанда пешвоз гиранд.

Бо ифтихор изхор менамоям, ки мардуми нохия чун тамоми сокинони мамлакатамон дар партави сиёсати окилонаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ  Рахмон дар тахкими сулху вахдат, ризоияти миллӣ , пешрафти хамаи сохахои хоч  агии халк   ба комёбихои назаррас ноил гардида истодаанд.

Боварии комил дорам, ки бо кӯшишу г айрат ва мехнати фидокоронаи мардуми мехнатдӯсти нохия ин гӯшаи Ватани азизамон боз хам ободу шукуфонтар мегардад.

Бо чунин ниятхои нек, бо шукронаи сохибистик  лолии Точ  икистон ва тахкими сулху вахдат фарорасии Иди саиди Рамазонро ба мардуми нохия муборакбод намуда, барояшон хонаи обод, ризки фаровон, тансихатӣ  ва саодати рӯзгорро орзу менамоям.

Иди саиди Рамазон муборак, хамдиёрони азиз!